Нусха
аз қарори № 10-и маҷлиси кафедраи таърихи адабиёти тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01.03.2022

ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 13 нафар устодони кафедра 12 нафар, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи кафедра гузаронида шавад.

## РӮЗНОМА:

2. Баррасии диссертатсияи **Ғафforзода Шоҳрух Ҳабибулло** дар мавзуи **"Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси ҷаласа, доктори илми филология, профессор У. Тоиров дар бораи баррасии диссертатсияи Ш.Ҳ. Ғафforзода. Иттилоъ дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои довталаби дараҷаи илмӣ ва тақризи аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳодшуда ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз баромади унвонҷӯ суолу ҷавоб сурат гирифт. Ш.Ҳ. Ғафforзода ба саволҳои профессорон М.З. Низомӣ, Б. Мақсудов, М. Солеҳов ва дотсентон А. Юлдошев, Г. Нозимова ҷавоб дод.

Пас аз суолу ҷавоб баромади роҳбари илмӣ – доктори илми филология, профессор **Мисбоҳиддини Нарзиқул** шунида шуд. Тақризи роҳбари илмӣ мусбат буд.

## БАРОМАД КАРДАНД:

Профессорон М. Солеҳов, Б. Мақсудов, М.З. Низомӣ, У. Тоиров ва дотсентон А. Юлдошев, Г. Нозимова зимни суханрониашон оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгонии илмӣ ва арзиши назарию амалии кори диссертатсионии Ш.Ҳ. Ғафforзода андешаҳои қобили таваҷҷуҳ баён намуда, довталабро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз

рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дониста, диссертатсияи ӯро ба ҳимоя пешниҳод карданд.

Дар асоси бандҳои марбути Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло** дар мавзуи **“Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ”** кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
2. Оид ба мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ, арзиши назарию амалии диссертатсияи **Ғаффорзода Ш.Ҳ.** ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ **хулосаи кафедра** дар муҳлати муайян пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, доктори илми филология,
профессор Тоиров У.

Котиби илмӣ, ассистент Дурманова С.Р.